“ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ”
Ректори Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон
доктори илмҳои иқтисодӣ,
дотсент________ Асрорзода У. С.
“__”________ 2024

# ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

ба диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар мавзуи “Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқат мекунад: 19 – Кадрҳои идоракунӣ: нақш ва мақоми онҳо дар низоми идоракунӣ. Ташаккул, омодасозӣ ва густариши кадрҳои идоракунӣ. Идоракунии сатҳи касбӣ-вазифавӣ ва пешравии касбӣ –вазифавии кадрҳо. Методҳои ҳавасмандгардонии менеҷерони зинаи олӣ. 20 – Идоракунии захираҳои инсонӣ ҳамчун намуди вижаи фаъолияти касбӣ: мақсад, усул (принсипҳо), таҳаввулоти равишҳо. Моҳияти масъалаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии идоракунии ҳайати корхонаҳо ва ташкилот. Салоҳиятнокии ҳайати шахсӣ ва салоҳиятнокии ташкилот. Сиёсати кадрӣ: таҳия ва татбиқ. Инноватсия ва ташкили фаъолияти меҳнатӣ ва

идоракунии ҳайати шахсӣ. Ташкил ва амалисозии корҳо оид ба идоракунии ҳайати шахсӣ.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ**. Дар охирҳои асри XX ва аввали асри XXI, вақте ки иқтисоди давлатҳо бо ҳам омезиш меёбад, ҷараёни ҳамгирой ва ҷаҳонишавӣ вусъат пайдо намуда, раванди босуръати рушди соҳаҳои хизматрасонӣ ба чашм мерасад. Дар баробари дигар бахшҳои хизматарсонӣ, соҳаи сайёҳӣ низ ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисоди ҷаҳонӣ ба таври назаррас ташаккул меёбад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки танҳо мавҷудияти иқтидорҳои сайёҳӣ, табиӣ ё антропогенӣ нишонаи рушди соҳаи сайёҳӣ нест. Ба ташаккулу пешрафти он ба сифати фишанги асосии таъсиррасон идоракунии илман асоснокшуда низ баромад карда метавонад. Солҳои охир вобаста ба дуруст роҳандозӣ намудани ташкили сайёҳӣ як қатор кишварҳо маҳз аз ҳисоби ин соҳа афзоиши назарраси иқтисоди миллиашонро таъмин намуда, самтҳои дигари онро, ки ба сайёҳӣ ба таври ғайримустақим алоқамандӣ доранд, ривоҷ доданд.

Дар ҷаҳони муосир соҳаи сайёҳӣ дар рушди ҷомеа нақши муассир дошта, инфрасохтори он тавассути бозгӯӣ намудани ғояҳои назариявии ташаккул, нақши инфрасохторӣ, низоми муносибатҳои муосири хоҷагидорӣ ва хусусиятҳои хоси инфрасохтори маҳаллӣ дар кластеркунонии он дар таҷрибаи ҷаҳонӣ амалӣ мегардад.

Тавре, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, сайёҳӣ дар арсаи байналмилалӣ яке аз соҳаҳои сердаромад, манбаи ғанӣ гардонидани буҷаи давлат ва омили муҳимми беҳтар гардидани шароити зиндагии мардум маҳсуб меёбад. Таъсири рушди устувори сайёҳӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, мамлакатҳои алоҳида ва ба минтақаҳо яке аз тамоюлҳои аҳамиятнок ва доимӣ буда, воситаи хуби инкишофи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Фаъолияти бахши сайёҳӣ, ки дорои пойгоҳи ғании моддист, дар бисёр кишварҳо ба вуҷуд омада, бо низом рушд меёбад ва барои миллионҳо одамон ҷойи корӣ эҳё карда, бо тамоми соҳаҳои

хоҷагӣ ҳамкорӣ мекунад. Маврид ба зикри хос аст, ки яке аз самтҳо ва принсипҳои асосии идоракунии самараноки иқтидори меҳнатии муассисаҳои соҳаи сайёҳӣ омода намудан ва ҳавасманд гардонидани мутахассисони он, ҷалби бештари сармоягузорон, дастгириҳо ва пешниҳоди имкониятҳо барои субъектҳои хоҷагидории ин соҳаи муҳимми иқтисодӣ дониста мешавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Навгониҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ аз коркард ва асосноккунии ҷанбаҳои назариявии механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба такмили он дар ин соҳаи муҳимми ҷамъиятӣ иборат мебошад. Натиҷаҳои назарраси таҳқиқоти илмӣ, ки навгониҳои илмиро инъикос ва мазмуну мундариҷаи диссертатсияро ошкор менамоянд, инҳо мебошанд:

- Дар асоси омӯзишу таҳлили равишҳои назариявӣ-консептуалии гузаронидашудаи илмӣ оид ба такмили механизми муосиртарини истифодабарии ҳавасмандкунии иқтидори меҳнатӣ, моҳият ва аҳаммияти иқтисодии он шарҳ дода шудаанд, инчунин, муосиртарин механизмҳои ҳавасмандгардонии кормандон ин ҳаққи меҳнати қаноатмандкунанда, мукофотҳои нақдию ғайринақдӣ ва шароитҳои мусоиди корӣ дониста мешавад;
- дар асоси таҳқиқҳои илмӣ нақш ва аҳаммиятнокии идоракунии иқтидори меҳнатӣ нисбат ба дигар иқтидорҳо муайян карда шуда, унсурҳо, марҳилаҳо ва шароити рушди иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ аз истифодабарии механизми ҳавасмандгардонӣ нишон дода шуда, муайянгашт, ки рушди соҳаи сайёҳии ҷумҳурӣ ва зерсохторҳои он ба идоракунии самараноки

иқтидори меҳнатӣ ниёз доранд;

- вазъи ҳозираи хизматрасониҳои соҳаи сайёҳӣ дар микёси ҷумҳурӣ таҳлил гардида, ташаккул додани равиши консептуалӣ дар асоси ташаккули механизми хавасмандгардонии иқтидори меҳнатии ширкатҳои сайёҳӣ бо истифода аз таҷрибаи инноватсионии хориҷа ҳамчун яке аз роҳҳои асосии ноил гаштан ба мақсад дониста шуд;

- механизми инноватсионии муосир тахия гардида, пешниҳод карда мешавад, ки таҳияи дастурҳо оид ба ташаккули низоми ҳавасмандгардонии идоракунии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ бо истифода аз механизми инноватсионии муосир, ҷиҳати беҳбуд бахшидан ва таваҷҷуҳ ба сармоягузории ин самт ҷораандешӣ намуда шавад;

- дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодӣ такомули механизми ҳавасмандгардонӣ ҳамчун яке аз роҳҳои истифодабарии самараноки иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ дониста шуда, пешниҳодҳои илман асоснокгардида метавонад, ба инкишофёбии соҳаи мазкур мусоидат намояд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия.** Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот аз таҳқиқоти назариявию методии идоракунии самараноки иқтидори меҳнатӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ иборат мебошад, ки дар он ақидаҳои мактабҳои иқтисодӣ ва олимони ватанию хориҷӣ дар амал асоснок карда шудаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ-назариявӣ ва таҷрибавии гузаронидашударо метавон дар чунин самтҳо самаранок истифода намуд:

✓ ҳамчун манбаи маълумот барои гузаронидани таҳқиқоти амалию назариявии нақш ва аҳаммияти идоракунии иқтидори меҳнатӣ дар рушди иқтисодиёт;

✓ дар машғулият ва курсҳои махсуси амалию назариявӣ аз фанҳои менеҷмент, менеҷменти кадрӣ, менеҷмент ва маркетинг, иқтисодиёти меҳнат, идоракунии захираҳои меҳнатӣ, назорати ҳайати коргарон, рушди иқтидори инсонӣ, менеҷменти сайёҳии байналмилалӣ ва ғайра;

✓ дар раванди таҳия ва амалисозии барномаҳои ҳукуматӣ ва давлатии стратегии рушди иқтисодии Тоҷикистон, хусусан, дар равишҳои муайянкунандаи рушди соҳаи хизматрасонӣ (сайёҳӣ);

✓ дар тавсияҳои амалию назариявӣ барои омодасозии мутахассисони касбӣ мутобиқ ба талаботи асосии бозори меҳнати хизматрасонии сайёҳӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ;

✓ дар истифодаи натиҷаи таҳқиқот барои рушд ва инкишофдиҳии соҳаи сайёҳӣ бо назардошти самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатӣ. Бояд қайд намуд, ки тавсияҳои мазкур барои самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар ширкатҳои сайёҳии кишвар нақши калидӣ доранд. Аз ин рӯ, натиҷаҳои таҳқиқот ба Кумитаи рушди сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод мегарданд.

**Тавсифи умумии таҳқиқот**. Ҳадафи асосии таҳқиқот, ки яке аз мавзуҳои мустақили ба анҷомрасонидашуда буда, дар асоснокунии муқаррароти назариявӣ ва таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба самаранок истифодабарии иқтидори меҳнатӣ бо истифода аз механизми ҳавасмандгардонӣ дар ширкату корхонаҳои сайёҳӣ дониста мешавад.

Асосҳои назариявию методии таҳқиқотро таҳқиқотҳои бунёдии

илмии муҳаққиқони классики илми иқтисодиёт, таҳқиқотҳои донишмандони ватанӣ ва хориҷӣ дар мавзуи механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст. Асоси услубии таҳқиқи ҷараёнҳои омӯзишии мавзуи мазкурро равишҳои минтақавӣ ва системавию сохторӣ ташкил медиҳанд. Дар таҳқиқоти гузаронидашуда усулҳои иқтисодӣ-оморӣ, диалектикӣ, монографӣ, ҳисобӣ-конструктивӣ, SWOT-таҳлил ва амсиласозии риёзию иқтисодӣ истифода бурда шудаанд.

Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро истифодаи аниқ ва мақсадноки сарчашмаҳои оморӣ оид ба мушкилоти таҳқиқшаванда, иттилооти истифодашуда тасдиқ намуда, хулоса ва тавсияҳо дар асоси омӯзиши низоми идоракунии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар соҳаи сайёҳӣ бо истифода аз механизмҳои ҳавасмандгардонӣ натиҷагирӣ шудаанд.

Ҳалли вазифаҳои гузошташудаи назариявӣ, методӣ ва амалӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти диссертатсионии иҷрошуда сатҳи кофии дараҷаи илмиро доро мебошад. Муқаррароти асосии диссертатсия аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои илмию амалии сатҳҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ва маҷаллаҳои тақризшаванда дарҷ гардидаанд.

**Дар муқаддима** мубрамии мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи кор, объект, мавзӯъ, мақсад ва вазифаҳои тахқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгониҳои илмӣ ва нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

**Боби якуми диссертатсия** ба баррасии равишҳои назариявӣ-консептуалии истифодабарии ҳавасмандгардонии иқтидори

меҳнатӣ дар низоми менеҷменти муосир, иқтидори меҳнатии кормандон ва нақши онҳо дар рушди низоми муносибатҳои иқтисодии менеҷменти сайёҳӣ, арзёбии таҷрибаи хориҷӣ ва таҳлили муқоисавии истифодабарии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти ширкатҳои сайёҳӣ бахшида шуда аст. Дар зербоби 1.1 равишҳои асосии ҳавасмандгардонии нерӯи асосии коргарон дар системаи муосири идоракунӣ, аз ҷумла моделҳо ва назарияҳои гуногун, ки ба фаъолсозии фаъолияти меҳнатӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокӣ мусоидат мекунанд, тавсиф карда мешаванд(саҳ.15-30). Зербоби 1.2 ба иқтидори меҳнатии кормандон, бахусус дар заминаи сайёҳӣ тамаркуз карда, аҳамияти коргарон дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва нақши онҳо дар таъмини устуворӣ ва рушди ширкатҳои сайёҳӣ таъкид шудааст(саҳ.30-45). Дар зербоби 1.3 таҷрибаи хориҷӣ оид ба истифодаи ҳавасмандӣ дар идоракунии ширкатҳои сайёҳӣ таҳлил карда шудааст. Моделҳо ва усулҳои мухталифе, ки дар хориҷа барои баланд бардоштани самаранокии кормандон ва баланд бардоштани саҳми онҳо дар рушди сайёҳӣ истифода мешаванд, муқоиса карда мешаванд(саҳ. 45-59).

**Боби дуюми диссертатсия** ба масъалаҳои методии низоми идоракунии ҳавасмандгардонии иқтидори меҳнатии кормандон дар асоси равишҳои инноватсионӣ, таҳлили ҳолати имрӯза ва омоданамоии мутахассисон дар соҳаи менеҷменти хизматрасонӣ (сайёҳӣ), сармоягузорӣ ва рушду инкишофи соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шуда аст. Зербоби 2.1 масъалаҳои методологии системаи идоракуниро баррасӣ намуда, ба ҳавасмандгардонии фаъолияти кормандон ҳамчун асоси ҷорӣ намудани равишҳои навоварона таваҷҷӯҳ зоҳир менамояд. Барои беҳтар кардани фаъолияти кормандон дар бахши сайёҳӣ усулҳо ва стратегияҳои гуногун тавсиф карда шудаанд (саҳ. 60-76). Дар зербоби 2.2 вазъи кунунии соҳаи менеҷменти хизматрасонӣ дар сайёҳӣ бо

таваҷҷӯҳ ба аҳамияти омодасозии мутахассисон барои баланд бардоштани сифати идоракунӣ ва хизматрасонӣ таҳлил карда мешавад. Проблемаҳо ва дурномои баланд бардоштани маҳорати касбии коргарон дида баромада шудаанд, ки ин ба беҳтар шудани кори корхонаҳои сайёҳӣ ёрӣ мерасонад (саҳ.76-96). Зербоби 2.3 ба сармоягузорӣ ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида шудааст. Лоиҳаҳои асосии сармоягузорӣ, таъсири онҳо ба рушди соҳа ва иқтидори рушди соҳаи сайёҳии кишвар тавсиф карда шудаанд (саҳ.96-111).

Боби сеюми **диссертатсия** ба равишҳои такмили механизми ташкилӣ ва истифодаи системаи ҳавасмандгардонии нерӯи меҳнатии кормандон дар идоракунии муосир бахшида шудааст. Дар зербоби 3.1 стратегияи дастгирии давлатӣ барои рушди бахши сайёҳӣ ва таъсири он ба менеҷмент дар асри 21 баррасӣ мешавад. Дар ин ҷо ба нақши сиёсатҳои ҳукумат ва дастгирии рушди соҳаи сайёҳӣ ва чӣ гуна ин сиёсатҳо ба беҳтар кардани менеҷмент дар тиҷорати сайёҳӣ мусоидат мекунанд, дида баромада шудааст (саҳ.112-126). Дар зербоби 3.2 таваҷҷуҳ ба механизмҳои инноватсионии системаи идоракунии самаранокии кормандон ва ҳавасмандкунӣ дар менеҷменти муосири сайёҳӣ дода мешавад. Равишҳо ва усулҳои нав барои беҳтар кардани фаъолият ва ҳавасмандии кормандон дар заминаи тағирот дар соҳаи сайёҳӣ баррасӣ мешаванд (саҳ.126-140). Зербоби 3.3 ба татбиқи стандартҳои байналмилалии идоракунии сайёҳӣ ва ҷалби кормандони маҳаллӣ дар рушди соҳа нишон дода мешавад. Таъсири стандартҳои ҷаҳонӣ ба баланд бардоштани сифати менеҷмент ва аҳамияти иштироки мутахассисони маҳаллӣ дар раванди ташаккул ва рушди бахши сайёҳӣ баррасӣ шудааст(саҳ. 140-156).

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Диссертатсияи Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович дар худ таҳқиқоти мустақилонаи масъала, гузориши

мақсад ва вазифаҳои муайянро ифода менамояд. Сохтори диссертатсияи мазкур аз руйи таркиби худ мантиқан дуруст ташкил карда шудааст. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва пешниҳодҳо, рӯйхати адабиёт иборат аст. Матни кори илмӣ дар ҳаҷми 182 саҳифа навишта шуда, 17-то ҷадвал, 15-то расм ва 5-то диаграммаро дар бар мегирад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Асарҳои интишоршудаи муаллиф хулосаҳо ва пешниҳодҳои дар диссертатсия ҷойдоштаро инъикос менамоянд. Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия муҳтавои рисола дар 17 кори илмии муаллиф, аз он ҷумла 5 мақола, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, инъикос ёфтаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ дар конференсияҳои илмию назариявӣ ва илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ ба тариқи маърӯзаҳо баён шудаанд.

Дар интишоротҳои муаллиф мазмун ва мундариҷаи диссертатсия инъикос гардидаанд.

**Мутобиқати автореферат ва муқаррароти асосии диссертатсия.**

Автореферати диссертатсия тибқи талаботи муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси ихтисоси **08.00.10** – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) таҳия гардида, мазмуни асосии тадқиқотро инъикос менамояд ва дар он натиҷаҳои назарраси илмӣ асоснокгардида, шарҳи пурраи худро ёфтаанд.

**Эроду тавсияҳо ба диссертатсия.** Дар матни бобҳо ва зербобҳо ҳамаи мавзуъҳо ва масъалаҳое, ки ба ҳавасмандгардонии истифодаи неруи меҳнати дар идоракунии сайёҳӣ алоқаманданд, номбар шудаанд. Бо баробари ин, ба ақидаи мо ба масъалаҳои дар зер оварда шуда боз ҳам бештар диққат дода мешуд, мазмуни кор бойтар мегардид:

1. Нақши рақамикунонӣ ва технология дар баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар сайёҳӣ. Рақамикунонии равандҳои идоракунӣ, иртибот бо муштариён, коркарди маълумот ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ метавонад ҳосилнокии меҳнатро ба таври назаррас баланд бардорад, хароҷотро оптимизатсия кунад ва инчунин имкониятҳои кормандонро тавассути омӯзиш ва рушди малакаҳои нав васеъ намояд.

2. Усулҳои арзёбии самаранокии системаҳои ҳавасмандкунӣ ва таъсири онҳо ба сатҳи муваффақияти ширкатҳои сайёҳӣ. Маълум аст, ки ин масъала равишҳо ва воситаҳои гуногуни арзёбии самаранокии системаҳои ҳавасмандкунӣ, аз қабили таҳлили ҳосилнокии меҳнат, қаноатмандии кормандон, гардиши кормандон ва даромаднокиро дар бар мегирад. Системаҳои самараноки ҳавасмандкунӣ ба муваффақияти тиҷорат тавассути баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, баланд бардоштани ҷалби кормандон ва кам кардани хароҷоти ҷалб ва омӯзиши кадрҳо бевосита таъсир мерасонанд.

3. Навоварӣ дар соҳаи тайёр кардан ва такмили ихтисоси кадрҳо барои баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат дар соҳаи сайёҳӣ. Ин масъала равишҳои муосирро барои омӯзиш ва рушди нерӯи корӣ дар бахши сайёҳӣ, аз қабили истифодаи курсҳои онлайн, омӯзиш, роҳнамоӣ ва барномаҳои сертификатсия дар бар мегирад. Навоварӣ дар тайёр кардани мутахассисон ба баланд бардоштани ихтисоси коргарон, ҷорӣ намудани усулҳои нави хизматрасонӣ ба харидорон, оптималии равандҳои кор ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ёрӣ мерасонад.

Эроду камбудиҳои зикршуда сатҳи назариявӣ ва амалии диссертатсияи М. Д. Эсановро коҳиш намедиҳанд. Дар умум диссертатсияи тақризшаванда таҳқиқоти ба итмомрасида ҳисобида шуда, мустақилияти муаллиф дар омода намудани он эҳсос мешавад.

**10. Хулосаи ҷамбастӣ оид ба сазовор донистани довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи “Такмили механизми ҳавасмандгардонии истифодабарии иқтидори меҳнатӣ дар менеҷменти сайёҳии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.10** – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст ба КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисос, ки бо «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» муқаррар шуда ва бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад, дорои аҳамияти баланди назариявию илмӣ, навгонии илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмию методологӣ омода гардидааст, масъалаи мубрами илмӣ ҳалли худро ёфтааст ва муаллифи он Эсанов Муҳаммадшариф Давлатович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси **08.00.10** – Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи кафедраи бизнеси сайёҳӣ ва меҳмондорӣ Донишгоҳӣ байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратҷаласаи №4 аз 16.12.2024 с.).

**Раиси ҷаласа,**

Мудири кафедраи бизнеси сайёҳӣ ва меҳмондорӣ Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент Қурбонов Ё. С.

**Ташхисгар, н.и.и.,** дотсенти кафедраи бизнеси сайёҳӣ ва меҳмондорӣ Абдалимов А.

**Котиби ҷаласа, Мафтунаи С.**

Имзоҳоро тасдиқ менамоям.

**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсусӣ**

**Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон**

**Суроға**: 734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, х. Борбад, 48/5.
E-mail: info@iutet.tj, yorma@bk.ru.
Телефон: +992(37) 234-88-24, +992 901-71-63-77.